# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Қосимов Файзалӣ Маҳмадович дар мавзӯи «Ташаккул ва рушди фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар Тоҷикистон: таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст.**

Тағйироти амиқ дар тамоми соҳаҳои муносибатҳои ҷамъиятии Тоҷикистон дар солҳои 90-уми асри XX, иштибоҳу камбудиҳои онвақтаи заминаи ҳуқуқии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ барои афзоиши ҷиноятҳо ва бархӯрди ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат карданд. Имрӯз дар шароити истиқлолияти давлатӣ ва ҳалли масъалаи мубрами мубориза бо ҷинояткорӣ, бори дигар дар назди Ҳукумати Тоҷикистон масъалаҳои муносибсозӣ, самаранокии ташкил ва танзими ҳуқуқии шаклҳои фаъолияти ҳифзи ҳуқуқӣ мубраму муҳимтар мешаванд. Дар ин вазифаи муҳими мубориза бо ҷинояткории умумӣ фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мақоми муҳимро ишғол мекунад.

Диссертатсияи тақризшаванда низ ба масъалаи «Ташаккул ва рушди фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар Тоҷикистон: таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ» бахшида шуда, дар шароити имрӯза дар ҳақиқат аз нигоҳи муҳиммияти худ мубрам мебошад ва бо далелҳои дар поён овардашуда тасдиқи худро ёфта метавонад:

**Якум,** албатта, андешаҳои муаллиф дар боби мубрамияти мавзӯи интихобкардашуда (саҳифаҳои 3-6) ҷолиби дастгирӣ мебошанд. Муаллифи рисола дуруст қайд менамояд, ки фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар ташаккулёбии низоми ҳуқуқии муосири Тоҷикистон нақши калонро мебозад. Имрӯз назариячиёни ҳуқуқи ватанӣ низ дар он ақидаанд, ки низоми ҳуқуқии Тоҷикистон, гарчанде ки дар фазои ҳам амали низоми ҳуқуқи миллӣ ва ҳам амали низоми ҳуқуқии давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ташаккул ёфта истода бошад ҳам, аммо аз таъсири ҷаҳонишавии фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ озод нест.

Аз ин рӯ, муаллифи диссертатсия дуруст қайд мекунад, ки «Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ низоми мураккабест, ки тибқи қоидаву қонунҳои муайян инкишоф меёбад. Аз ин ҷиҳат вазифаи илми ҳуқуқ тафсири дурусти ин қонунияту ҷараёнҳои ташаккул ва рушди фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мебошад» (саҳифаи 4).

**Дуюм,** бо дарназардошти сатҳи таҳқиқи илмии мавзӯъ (саҳифаҳои 6-9), хусусан аз ҷониби олимони ватанӣ, маълум мегардад, ки масъалаи фаъолияти

оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ зарурат ба таҳлили алоҳида дорад, зеро дар ин падидаи мураккаб то ба ҳол паҳлуҳои зиёд ва пурра ҳалношуда боқӣ мондаанд. Маҳз онҳо дар ҷаҳони имрӯза раванди татбиқ ва амалисозии фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯиро мушкил месозанд. Зимнан давраи муосири рушди фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, дурнамои он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити истиқлолияти давлатӣ ҳам омӯзишу таҳлили амиқро барои сохтани давлати ҳуқуқбунёд талаб мекунанд.

Аз ин рӯ, муаллиф барои ноил шудан ба мақсади гузошташуда вазифаҳои дурустро дар назди худ монда, онҳоро, чӣ тавре ки мазмуну мундариҷаи рисолаи илмӣ нишон медиҳад, ба пуррагӣ ҳал намудааст.

**Сеюм**, навгониҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионии анҷомдодашуда, ки дар саҳифаи 14 оварда шудааст, аз нигоҳи ҳам назариявӣ ва ҳам амалӣ аз аҳамият холӣ нестанд. Дар ин радиф бояд қайд намуд, ки муаллиф баррасии мавзӯи интихобшударо маҳз дар доираи категорияҳои ҳуқуқӣ гузаронидааст, ки ин ба андешаи мо, тарзи дурусти ҳалли масъала мебошад, зеро маҳз меҳвари ҳуқуқии масъалаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ имконият медиҳад, ки сарҳади иҷозатдиҳӣ ва манънамоиро дар самти мазкур дуруст муайян созем.

Зиёда аз ин, кӯшиши муаллиф доир ба пешниҳоди мафҳуми фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, ки дорои хусусиятҳои фарқкунанда мебошад, арзиши диссертатсияи илмии ӯро баланд мекунад, зеро қонунгузории амалкунандаи Тоҷикистон ниёз ба мафҳум ва истилоҳҳои ягона дорад. Бо андешаи мо, ҷой ва майдони мафҳумҳои зиёд ва гуногунмаъно танҳо фалсафаи ҳуқуқ ва проблемаҳои назарияи ҳуқуқ буда метавонанд.

Аз ин рӯ, мафҳуми пешниҳодшуда, ки бештар аз арзишҳои маънавӣ вобастагӣ дорад, бо андешаи мо, мафҳуми фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯиро шикаста намекунад. Имрӯз қонунҳои миллие, ки дар қаламрави Тоҷикистон қабул шуда истодаанд, маҳз ба ин арзишҳо такя мекунанд. Бо андешаи мо, яке аз хусусиятҳои фаҳмиши давлати дунявӣ дар Тоҷикистон аз он иборат аст, ки барои асоснок кардани қонунҳои қабулшуда, арзишҳои фарҳангии ахлоқӣ, маънавӣ, динӣ ва дигар ба таври васеъ истифода мешаванд, ки ин, бешубҳа, бо назардошти талаботи аҳолӣ, ҷомеа ва урфу одати мардум сурат мегирад.

**Чорум**, қайд кардан лозим аст, ки раванди эъмори давлати ҳуқуқбунёд айни ҳол ба охир нарасидааст. Барномаи ислоҳоти (рушди) милитсия барои солҳои 2013–2020, Стратегияи ислоҳоти милитсия барои солҳои 2013–2020, далели он аст, ки ҳоло ҳам роҳҳои бунёди давлати ҳуқуқбунёд ҷустуҷӯ шуда истодаанд. Дар ин радиф, диссертатсияи анҷомдодаи Қосимов Ф.М. бамаврид мебошад, чунки ба яке аз мавзӯъҳои мубрам, яъне ташаккул ва

рушди фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар Тоҷикистон: таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқии он бахшида шудааст. Ҳамзамон масъалаи зикршуда ҳамчун қисми таркибӣ ва муҳим дар Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 ва дарҷ шудаанд. Аз ин нигоҳ, муаллиф дуруст ба нақши сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар самти ин фаъолият, махсусан мақомоти корҳои дохилӣ дар ташаккул ва рушди он диққати зиёд додаст (саҳифаи 10).

**Панҷум,** чӣ тавре ки аз матни рисолаи илмии Қосимов Ф.М. мушоҳида мешавад, бо назардошти нақши муҳим доштани фаъолияти мақомоти милитсия дар батанзимдарории муносибатҳои ҷамъиятӣ, мубориза бо ҷинояткорӣ ва алоқаи зичу васеъ доштани он Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Фармони худ аз 19 марти соли 2013 таҳти № 1438 «Стратегияи ислоҳоти милитсия барои солҳои 2013–2020»-ро тасдиқ намудааст, ки яке аз пойбастҳои таҳқиқоти диссертатсионии ӯ мебошад. Дар радифи ин, пешниҳоди муаллифро оид ба механизми амалишавии қонунҳо, махсусан Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ», Кодекси ҷиноятииҶумҳурии Тоҷикистон, Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳким ёфта, мушаххас гардидаанд, бамаврид мешуморем (саҳифаи 10-11). Дар ҳақиқат, дар амалишавии қонунҳои дар боло овардашуда тарғибу ташвиқоти онҳо дар шароити имрӯза муҳимтар аст.

**Шашум,** мавзӯи таҳқиқшуда имконият медиҳад, ки дар оянда бисёр вазифаҳое, ки Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶумҳурииТоҷикистон барои солҳои дар пешистода ба нақша гирифтааст, ҳал карда шаванд, хусусан дар пиёда намудани масъалаҳои марбут ба такмили фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар пояи қонунгузории миллӣ.

**Ҳафтум,** матни тарҷума ба забони тоҷикии яке аз сарчашмаи назариявии фанни фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, ки дар он хонанда ба вожаҳои «гумошта», «қосид» ва ғайра бармехӯрад, китоби машҳури «Саҳеҳ Ал–Бухорӣ»–и Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Исмоил мебошад, ки дар саҳифаи 31 ва дигар ҷой истифода бурда шудааст, аз маҷмӯи силсилае, ки бо дастур ва дастгирии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон зери табъ қарор гирифтааст, ба ҳисоб меравад. Бо андешаи мо, ин тарзи пешниҳоди ҳалли масъала дар доираи мавзӯи тақризшаванда аз ҷониби муаллиф дуруст мебошад, зеро пайдо шудани соҳаи нави ҳуқуқ дар намуди ҳуқуқи оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, дар баробари сиёсатҳои соҳавии мавҷуда (яъне, сиёсати ҳуқуқи-ҷиноятӣ, ҷинояти- мурофиавӣ, ҷинояти-иҷроиявӣ), боз як ҷузъи (элементи) дигар, яъне сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯиро ба таври алоҳида инъикос намудааст.

**Ҳаштум**, забони диссертатсия илмӣ, сода ва осонбаён аст, ки забони ҳуқуқии илми ватанӣ бояд дар оянда бо ин равия тақвият пайдо кунад.

**Нуҳум**, аз матни рисолаи илмӣ маълум аст, ки муаллиф мавҷудияти шаклҳои асосии татбиқи сиёсати фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар шароити Истиқлолияти давлатӣ ҳуқуқэҷодкунӣ, тарбия ва таълими ҳуқуқӣ муайян намудааст. Воқеияти ҳуқуқии мавҷудаи Тоҷикистон нишон медиҳад, ки фаъолият оид ба муайяннамоии мақсад, вазифа, афзалияти татбиқи ҳуқуқ бо иштироки субъектони татбиқи ҳуқуқ дар шаклҳои махсус, ба воситаи санадҳои татбиқи ҳуқуқ ҷиҳати амалисозии сиёсати ҳуқуқӣ амалӣ мегардад. Ҳамин тавр, сиёсати тарбияи ҳуқуқӣ, соҳаи фаъолияти мақомоти давлатӣ, ташкилоти ҷамъиятию сиёсӣ оид ба мақсад, вазифа, афзалият, шакл, восита ва усулҳои тарбияи ҳуқуқӣ вобаста аст.

Бо боварии комил қайд кардан мумкин аст, ки диссертатсияи Қосимов Файзалӣ бори аввал мавриди тадқиқоти илмӣ қарор дода шудааст, аз ин лиҳоз низ мавзӯи диссертатсионии мазкур мубрам ба ҳисоб меравад.

Диссертатсияи Қосимов Ф.М. илми ватании ҳуқуқи инсон, назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсиро хеле ғанӣ мегардонад, зеро муаллиф таҳлили ақидаҳои гуногунро бо маҳорат гузаронда, дар нақша фарқият ва алоқамандии ҳуқуқ, урфу одат ва ахлоқу маънавиёти фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯиро пешниҳод мекунад (саҳифаҳои 41, 43, 51, 65, 75).

Ҳамзамон диссертатсияи тақризшаванда аз камбудиҳо холӣ нест. Аммо пешакӣ қайд кардан лозим мешавад, ки ин камбудиҳо нисбатан баҳсталаб мебошанд ва муаллиф бо онҳо метавонад розӣ набошад.

**Якум**, дар вақти таҳлил намудани мавзӯи интихобшуда муаллиф ҳамчун асосҳои назариявии таҳқиқот аз осори як қатор олимон (саҳифаи 7-8) истифода бурдааст. Афсӯс, муаллиф осори на ҳамаи олимони ватаниро мавриди омӯзиш ва таҳқиқоти худ қарор медиҳад, масалан осори илмиии Ҳотамов Н. *(Таърихи халқи тоҷик (аз солҳои 60-уми асри XIX то соли 1924),* Ятимов С. *(Унсурулмаоли Кайковус дар бораи хирад),* Шарипов Ф.Р. (*Ҳилаи оперативӣ)*, Хайруллоев Ф.С. (*Принсипи адолат дар ҳуқуқи исломӣ*), Тоҳиров Ф.Т. *(Барқароркунии қонуни Шӯравӣ дар Тоҷикистон),* Масов Р. *(Тоҷикон: Муҳоҷирати дохилӣ ва омезиш)* ва дигарон бешубҳа, ҳангоми таҳлил шудани масъалаи ташаккул ва рушди фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар Тоҷикистон мазмуни кори илмии тақризшавандаро метавонистанд ғанӣ намоянд. Умуман, ба андешаи мо, фаъолияти илмии олимони ватанӣ дар таҳқиқи масъалаҳое, ки ба фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ Тоҷикистон алоқаи зич доранд, набояд сарфи назар шаванд.

**Дуюм,** дар саҳифаи 14 дуюмин нукоти илмии ба ҳимоя пешкашшавандаро марҳилаҳои инкишофи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар ҳудуди Тоҷикистон дар бар мегирад, ки муаллиф 5 марҳиларо қайд мекунад: 1) низоми ҳуқуқи зардуштӣ; 2) низоми ҳуқуқи исломӣ; 3) низоми ҳуқуқи мусулмонӣ, анъанавӣ ва россиягӣ; 4) низоми ҳуқуқи шӯравӣ; 5) низоми ҳуқуқи пасошӯравӣ, аммо баъдан муаллиф барои илми фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ марҳилаҳои алоҳидаи таърихӣ–ҳуқуқӣ ва амалии инкишофи пасошӯравӣ ва муосири ин соҳаи фаъолиятро ҷудо намудааст, ки ба андешаи мо зарурат надорад, зеро онҳо марҳила набуда хусусиятҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯи мебошад.

**Сеюм,** яке аз қисматҳои калони диссертатсия ба нақши фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ: давраи пеш аз шӯравии Тоҷикистон, замони шӯравии Тоҷикистон ва замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон бахшида шудааст (саҳифаҳои 61-148). Дар ин зербоб (2.1) нақши мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва самти мазкур ва ташаккулёбии он бениҳоят хуб тасвир шудааст.

Афсӯс, ки муаллиф ҳангоми баррасии мавзӯи муҳим барои мақомотҳои дигари амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ҷойи муносибро дар матни рисолаи илмии худ наёфтааст. Бояд қайд кард, ки фаъолияти мақомоти амнияти миллӣ бештар ба самти фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ бархӯрд дорад, ки дар ин бора сухане нест.

**Чорум,** ҳамчунин, дар диссертатсия баъзе ғалатҳои техникӣ ҷой доранд, масалан, дар саҳифаҳои 3-13 матни калон оварда шудааст, ки онро аз рӯи мазмуни матни овардашуда метавон ба якчанд матнҳои алоҳида тақсим кард; дар саҳифаи 31, 54 калимаи «аввал» бо зайли «авал» навишта шудааст; дар саҳифаи 120 калимаи «диққат» бо зайли «диқат» навишта шудааст.

Албатта, камбудиҳои қайдшуда сифати таҳқиқоти диссертатсионии тақризшавандаро паст намекунанд ва баҳои мусбати диссертатсияро тағйир намедиҳанд.

Хулосаҳои пешниҳодгардидаи Қосимов Ф.М. мантиқан дуруст ва илман асоснокананд. Бешубҳа, натиҷаҳои таҳқиқоти илмии тақризшаванда аҳамияти назариявӣ ва амалӣ доранд ва метавонанд дар фаъолияти илмӣ ва раванди таълим истифода шаванд.

Интишороти илмӣ ва автореферати Қосимов Файзалӣ Маҳмадович ба матни таҳқиқоти диссертатсионии тақризшаванда мувофиқ мебошанд.

Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия аз ҷониби унвонҷӯ дар конференсия ва семинарҳои сатҳи гуногун маърӯза шудаанд.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, чунин меҳисобем, ки таҳқиқоти диссертатсионии Қосимов Файзалӣ Маҳмадович ба талаботи Тартиби додани

дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), аз ҷумла бандҳои 10-16-и он, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад. Қосимов Файзалӣ Маҳмадович ба ҳадафи худ расидааст ва барои соҳиб шудан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) сазовор мебошад.

**Муқарризи расмӣ,**
**Муовини вазири мудофиаи**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ** **А. Шоҳиён**

*Имзои А. Шоҳиёнро тасдиқ мекунам*
**Сардори раёсати кадрҳо ва кор бо**
**ҳайати шахсии Вазорати мудофиаи**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **М. Раҳимзода**